**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз "2" августи соли 2010 № 392**
**тасдиқ шудааст**

# Тартиби
# ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил додани корхонаи давлатӣ ва воҳиди сохтории он

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Тартиби ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил додани корхонаи давлатӣ ва воҳиди сохтории он (минбаъд - Тартиб) мутобиқи қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия гардидааст.

2) Меъёрҳои Тартиб ба корхонаҳои давлатӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо, ки ба моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ тааллуқ дошта, хусусигардонии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ намебошад, тавсеа мегардад.

3) Мақсадҳои асосии Тартиби мазкур:

- афзун намудани доираи корхонаҳои хурде, ки шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо ҷамъияти саҳомии кушода мебошад;
- рушди рақобат дар бозор;
- тайёр намудани замина барои хусусигардонии моликияти давлатӣ;
- фароҳам сохтани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ;
- баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва зиёд намудани ҳаҷми он.

4) Тартиб нисбат ба воҳидҳои сохтории ҷудошавандаи корхонаҳои давлатӣ дар ҳолатҳои зерин татбиқ намегардад:

- агар воҳиди сохтории ҷудошаванда дорои даромади алоҳида набошад ва ба он соҳиб гашта натавонад;
- агар ба ҷамъияти саҳомӣ табдил додани воҳиди сохтории корхона ба фаъолияти мӯътадили тамоми корхона, ки сохтори он тағйир дода мешавад, халал расонад;
- агар силсилаи ягонаи технологии корхонаи давлатиеро, ки сохтори он тағйир дода мешавад, вайрон созад.

## 2. Тартиби ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил додани корхонаи давлатӣ

5) Корхонаи давлатие, ки муассиси он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил дода мешавад.

6) Қарор дар бораи ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил додани корхонаи дигари давлатӣ, ки ба моликияти ҷумҳуриявӣ тааллуқ дорад, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба корхонаи ба моликияти коммуналӣ тааллуқ дошта бошад, аз ҷониби маҷлиси дахлдори вакилони халқ ва дар доираи салоҳиятҳои худ аз тарафи раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо қабул карда мешавад.

7) Роҳбарияти корхонаи давлатии ба ҷамъияти саҳомӣ табдилдодашаванда рӯйхати тасдиқгардидаи воситаҳои асосӣ, иншооти сохтмони нотамом, таҷҳизоти васлнагардида, маблағгузории дарозмӯҳлат (зиёда аз 1 сол), воситаҳои гардишӣ, қарзҳои дебиторӣ, кредиторӣ, дигар ӯҳдадориҳо, баланс барои санаи охирини ҳисоботӣ, ки аз ҷониби мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии корхона тасдиқ шудааст ва лоиҳаи оинномаи ҷамъияти саҳомии кушодаро таҳия намуда, вобаста аз шакли моликияти корхонаи давлатӣ ба мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод мекунад.

8) Дар ҳолати зарурӣ мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад аз мақомоти болоии корхонаи давлатӣ маълумоти иловагиро талаб намояд.

9) Роҳбарияти корхонаҳои давлатӣ барои дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида тибқи қонунгузорӣ ҷавобгар мебошанд.

10) Мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд Муассис) тибқи қонунгузории амалкунанда амволи корхонаи давлатиро нархгузорӣ намуда, бо қарори худ андозаи сармояи оинномавӣ, намуди саҳмияҳо ва оинномаи ҷамъияти саҳомии навтаъсисро тасдиқ мекунад.

11) Муассис то даъвати маҷлиси якуми умумии саҳмдорон вазифаи директори иҷроияи ҷамъияти саҳомиро чун қоида ба зиммаи роҳбари корхонае, ки ба ҷамъияти саҳомӣ табдил дода мешавад, мегузорад ва ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатии ба ҷамъияти саҳомӣ зарурииро ба мақомоти андози маҳали ҷойгиршавии ҷамъияти саҳомӣ пешниҳод мекунад.

12) Ҷамъияти саҳомӣ баъди бақайдгирии давлатӣ дар мӯҳлати на зиёда аз 30 рӯз лоиҳаи эмиссияро таҳия мекунад ва ҳуҷҷатҳои заруриро ҷиҳати бақайдгирии давлатии барориши саҳмияҳо ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

### 3. Тартиби ҷудо намудан ва ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил додани воҳиди сохтории ҷудошавандаи корхонаи давлатӣ

13) Қарор дар бораи ҷудо намудан ва ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил додани воҳиди сохтории ҷудошавандаи корхонаи давлатиеро, ки ба моликияти ҷумҳуриявӣ тааллуқ дорад, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбат ба корхонаи ба моликияти коммуналӣ тааллуқдошта, аз ҷониби маҷлиси дахлдори вакилони халқ ва дар доираи салоҳиятҳои худ аз тарафи раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо қабул карда мешавад.

14) Корхонаи давлатие, ки сохтори он тағйир дода мешавад, рӯйхати тасдиқгардидаи амвол ва тавозуни тақсимотии воҳиди сохтории ҷудокардашударо бо имзои роҳбар ва сармуҳосиби корхона ва лоиҳаи оинномаи ҷамъияти саҳомии дар заминаи воҳиди

сохторӣ таъсисдодашавандаро вобаста ба шакли моликият ба мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод менамояд.

15) Роҳбарияти корхонаи давлатӣ барои дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ ҷавобгар мебошанд.

16) Мақомоти ваколатдори давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (минбаъдМуассис) тибқи қонунгузории амалкунанда амволи корхонаи давлатиеро, ки сохтори он тағйир дода мешавад, барои воҳиди сохтории ҷудогардида нархгузорӣ намуда, бо қарори худ андозаи сармояи оинномавӣ, намуди саҳмияҳо ва оинномаи ҷамъияти саҳомии навтаъсисро тасдиқ менамояд.

17) Муассис дар мӯҳлати то 30 рӯз дар мувофиқа бо мақомоти болоии корхонаи давлатие, ки сохтори он тағйир дода мешавад, то даъвати маҷлиси якуми умумии саҳмдорон директори иҷроияи ҷамъияти саҳомиро таъин менамояд ва ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ ба ҷамъияти саҳомӣ заруриро ба мақомоти андози маҳали ҷойгиршавии ҷамъияти саҳомӣ пешниҳод мекунад.

18) Ҷамъияти саҳомӣ баъди бақайдгирии давлатӣ дар мӯҳлати на зиёда аз 30 рӯз лоиҳаи эмиссияро таҳия мекунад ва ҳуҷҷатҳои заруриро ҷиҳати бақайдгирии давлатии барориши саҳмияҳо ба Вазорати молияи Ҷумҳури Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

## 4. Муқаррароти хотимавӣ

19) Ҷараёни минбаъдаи хусусигардонии ҷамъияти саҳомии дар заминаи моликияти давлатӣ таъсисдодашуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.